**ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**ба кори диссертатсионии Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна зери унвони “Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - (забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Калимасозӣ дар забони тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти забоншиносӣ маҳсуб шуда, роҳу василаҳои такмили таркиби луғавии забонро муайяну муқаррар мекунад. Ҳамзамон, таъкид бояд кард, ки забони адабии тоҷикӣ аз замони анҷоми ташаккулёбӣ (аз асрҳои IX-X) то имрӯз низоми сарфии калимасозии худро устувор нигоҳ доштааст. Далели ин тамоми осори аҳли илму адаби тоҷик аз замони Сомониён то имрӯз шуда метавонад. Яъне қолабҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X муқаррар гардида, дар тули зиёда аз ҳазор сол онҳо ҳамчун меъёр барои даврони минбаъдаи забони тоҷикӣ кардаанд.

Дар ин росто, аз ҷониби Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна бо номи “Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ” мавриди таҳлилу таҳқиқи кори диссертатсионӣ қарор додани ин мавзуъ ба ҳадафҳои илмӣ ва нишон додани вижагиҳои калимасозӣ ба ихтисоси забони тоҷикӣ мутобиқат дорад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

Унвонҷӯ барои анҷоми кори диссертатсионӣ маводи фаровонеро аз аз ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолуддини Балхӣ гирд оварда, онҳоро ба гурӯҳҳои муайяни калимасозии забони тоҷикӣ, ки тибқи талаботи сарфу наҳви забони тоҷикӣ муқаррар шудаанд, тасниф намуда, сохтор ва маънои онҳоро шарҳу эзоҳ додааст.

Интихоби ғазалиёти шоири шаҳири тоҷик – Муҳаммад Ҷалолуддии Балхӣ низ барои анҷоми ин кори илмӣ ба ҳадафҳои таҳқиқ мувофиқат мекунад. Зеро ин шоири варзида бо осори манзуму мансури худ дар рушди забони адабии тоҷикӣ ва мондагории он хидмати шоёне кардааст. Тамоми осори ӯ инъикосгари вижагиҳои муҳимми забони тоҷикии замони зиндагии шоир мебошад. Бинобар ин, тибқи таҳлилҳои анҷомдодаи Г. Ҷиҳонова ба натиҷае расидан мумкин аст, ки дар асоси осори таълифнамудаи Ҷалолуддини Румӣ метавон муҳимтарин вижагиҳои луғавӣ, маъноӣ ва сохторию услубии забони тоҷикиро, ки дар асри XIII маъмул буданд, муайян кард.

Муҳаққиқ зимни баррасии масоили фарогири диссертатсия ҳам ба ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам ба моҳияти амалии онҳо таваҷҷуҳ карда, дар асоси афкори илмии муҳаққиқон маводи гирдовардааш аз девони ғазалиёти шоир ба гурӯҳҳои муайяни сохтори калимасзӣ ҷудо карда,

онҳоро таҳлил карда, вижагиҳои сохторию маънoии калимаҳо ва саҳми шоирро ҳам дар истифодаи сохторҳои маъмули калимсозӣ ва баёни муассири маъноӣ муайян намудааст.

Диссертант зимни таҳлили масъалаҳои назариявии мавзуи калимасозӣ ба натиҷае расидааст, ки олимону муҳаққиқони тоҷик ба пажуҳиши назарияи калимасозӣ аз замонҳои пеш шуруъ карда, доир ба сохтори калимасозӣ ва вандҳои калимасоз назари илмии худро баён кардаанд ва ин масъала дар таҳқиқотҳои афкори забоншиносии тоҷик аз ҷониби забоншинос Д. Хоҷаев инъикос ёфтаанд.

Дар қисмати муқаддимавӣ унвонҷӯ талаботи муқаррароти корҳои диссертатсиониро рияо намуда, доир ба ҳар як банди назари худро баён кардааст. Бо якуми кори диссертатсионии Г. Ҷиҳонова “Калимасозии морфологӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ” ном дорад. Дар фаслҳои алоҳидаи ин боб муҳаққиқ андешаи худро дар мавриди маълумотҳои назариявӣ, ки аз ҷониби олимони гуногун дар асару мақолаҳояшон дарҷ гардидаанд, баён намуда, анвои калимаҳои сохтаро муайян кардааст. Чунин тарзи таҳқиқ ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки маводи ҷамъовардаашро аз ғазалиёти Ҷалолуддини Балхӣ ба гурӯҳи калимаҳои сохтаи пешвандӣ ва пасвандӣ ҷудо карда, таҳлил намояд. Дар ин замина, дар 3 фасли боби якум калимаҳои сохта мавриди таҳлили сохторию маъноӣ қарор дода шудаанд.

Муҳаққиқ хусусиятҳои сохтории пасвандҳоро баррасӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки пасванди **-тар** нахустин бор дар ғазалиёти Ҷалолуддини Балхӣ вижагиҳои услубӣ касб карда,шоир онро ғайр аз сифат бо исму ҷонишин (*гулшантар, савсантар, ҷавшантар, куштатар, зоҳиртар, раққостар, ҷонтар, дармонтар, бодатар, оҳантар, мантар, хушбоштар, ончунонтар,чӯпонтар*) низ оварда, тобишҳои маънoии ҷолиберо баён кардааст.

Боби дуюми диссертасия “Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолуддини Балхӣ” аз 4 фасл иборат буда, дар он масъалаҳои назариявию амалии калимаҳои мураккаби пайвасту тобеъ, мансубият ба ҳиссаҳои нутқ (исм ва сифат), мавқеи миёнвандҳо дар сохтани калимаҳои мураккаб, ҳамнишинии ҳиссаҳои нутқ дар раванди калимасозӣ ва таҳлили сохторию маънoии калимаҳои мураккаби ғазалиёти шоир таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Дар ҳама маврид муҳаққиқ ба назарияи илмии олимон такя карда, ҷанбаҳои амалии таҳқиқи худро асоснок менамояд.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқи кори диссертатсионӣ дар 11 банд ҷамъбаст ва пешниҳод гардидааст.

Г. Ҷиҳонова дар 7 мақолаи нашрнамуда, ки аз ин 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии

Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия нашр шудаанд, нуктаҳои асосии кори илмии худро баён кардааст.

Автореферати диссертатсия (гунаҳои тоҷикӣ ва русӣ) фишурдаи кори таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос карда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани назари унвонҷӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид менамояд.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи “Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ҷавобгӯйи буда, ба ҳайси роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои минбаъда ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 98, кв 83
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
тел. (+992) 91808467
E-mail: salomov1967@mail.ru

**Имзои М. Саломиёнро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** **Т. Акрамзода**

**Суроға:** 734018,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
тел. 227-54-80, 918808467
E-mail: info@anrt.tj

19 феврали соли 2025